# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо Фармоиши Директори Агенти омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28.04.2010.№12 тасдиқ карда шудааст

## ДАСТУРАМАЛ
оиди пур кардани шакли ҳисоботи омории №1-ИНП
(истифодаи нахи пахта)

### I Қоидаҳои умумӣ

1.1. Шакли ҳисоботи давлатии омориро пешниҳод мекунад:

-корхонаҳои саноатӣ, ки нахи пахтаро новобаста аз шакли моликият истифода мекунанд.

1.2.Ҳисоботро дар санаи 4-ум баъд аз давраи ҳисобот ба мақомоти омории маҳалли ҷойгирифтаашон пешниҳод мекунанд.

Ҳисоботи шакли №1-ИНП бо ҷамбасти афзоянда аз аввали сол ҳармоҳа пур карда мешавад.

### 2. Нишондод оиди пур кардани шакл

2.1. Ҳисоботи шакли №1-ИНП аз ду фасл иборат ҳаст;

1- Ворид шудани нахи пахта ба корхона

2- Истифодаи нахи пахта дар корхона.

Дар ин фаслҳо маълумотҳо оиди гирифтан ва истифодаи нахи пахта бо тақсимкунии он ба навъҳо (намуд) аз аввали сол ва ҳамчунин дар моҳи ҳисобот бо ифодаи миқдор (тонна) ва арзиш оварда мешаванд.

Дар сутуни «А» феҳристи истеҳсолкунандагони пахта оварда мешавад.

Сутуни «нахи пахта гирифта шуд» ба се сутун тақсим мешавад( Б,1 ва 2 )

-дар сутуни «Б» навъ ё намуди нахи пахта навишта мешавад.

-дар сутуни «1» ҳаҷми нахи пахтаи гирифтаи корхона аз аввали сол бо ҷамъбасти афзоянда бо ифодаи миқдор бо тонна навишта мешавад.

-дар сутуни «2» миқдори гирифтаи нахи пахта дар моҳи ҳисобот навишта мешавад.

-дар сутунҳои «3» ва «4» бо ифодаи маблағ оварда мешавад.

-дар сутуни «3» бояд нархи нахи пахта дохилшуда бо ҷамъбасти афзоянда аз аввали сол, бо нархҳои амалӣ, бо сомонӣ навишта шавад.

-дар сутуни «4» нархи нахи пахта дохилшуда дар моҳи ҳисобот бо сомонӣ навишта мешаванд.

«Нархи миёна барои 1 тонна» бо роҳи тақсимкунии маҷмӯи арзиши тамоми нахи пахта гирифташуда (истифодашуда) ба миқдори он дар давраи аз аввали сол ва моҳи охирон, мувофиқан, ҳисоб карда мешавад.

Ҳамин тариқ, сутуни «5» баробар аст ба сутуни »3»: сутуни »1» ва сутуни »6» баробар аст ба сутуни »4»: сутуни »2» .

**Фасли** II «истифодабарӣ» мисли фасли I пур карда мешавад, вале ин ҷомаълумотҳо оиди истифодабарии нахи пахта аз тарафи корхона оварда мешаванд.

Ҳисоботи тартибшударо роҳбари корхона ва сармуҳосиб имзо карда, ному насаб ва рақами телефони иҷрокунандаи ҳисобот нишон дода мешавад.

Барои дурустии маълумот ва риояи мӯҳлати пешниҳоди ҳисобот роҳбари ташкилоти ҳисоботдиҳанда ҷавобгар аст.